*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 99 (4839) | ЧОРШАНБЕ, 14 АВГУСТИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



# ҶОИЗАДОРОНИ БОЗИҲОИ ОЛИМПӢ ДАР ҲУЗУРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ



**14-уми августи соли 2024 дар Қасри миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Президенти Кумитаи миллии олимпии кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷоизадорони Бозиҳои XXXIII тобистонаи олимпии Париж-2024-ро, ки бо медалҳои биринҷӣ ба Ватан баргаштанд, бо нишони қадршиносӣ ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар маросими супоридани мукофотҳои давлатӣ ва туҳфаҳо ба дорандагони ҷоизаҳои олимпӣ Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ низ ҳузур доштанд.

Зимни суҳбат Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастоварди онҳоро дар Бозиҳои XXXIII тобистонаи олимпии Париж-2024 ба варзишгарон ва ба мардуми кишвар табрику таҳният гуфтанд.

Пешвои миллат таъкид доштанд, ки нишондоди онҳо дар таърихи соҳаи варзиши тоҷик дастоварди бузург мебошад ва ин натиҷаи талошҳову тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи миллии олимпӣ, федератсияҳои варзишӣ ва заҳмати содиқонаи худи паҳлавонон аст, ки аз як чорабинии бузурги ҷаҳонӣ бо натиҷаҳои арзанда ба Ватан баргаштанд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки дар байни 206 давлати дунё сазовори медал гардидан ва Парчами давлатиро боло бардоштан шарафи бузург, омили муҳими муаррифии давлату миллат, баланд бардоштани обрӯву нуфузи кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ ва ҳавасмандгардонии наврасону ҷавонони тоҷик ба варзиш ва тарзи ҳаёти солим мебошад.

Ҳамин тавр, дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфарозгардонии намояндагони соҳаи варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мукофоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ» барои саҳми арзанда дар рушди варзиш, ҳавасманд намудани ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ, баланд бардоштани сатҳи иштироки варзишгарони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ, аз ҷумла дастоварди баланд дар Бозиҳои XXXIII тобистонаи олимпии Париж-2024, намояндагони зерини соҳаи варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мукофоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғолибон ва ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ - Болтаев Давлат Рустамович - узви дастаи мунтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бокс, Раҳимов Темур Бахтиёрович - узви дастаи мунтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гӯштини ҷудо, Маҳмадбеков Сомон Моёншоевич - узви дастаи мунтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гӯштини ҷудо ва Маҳмадзоир Исмоил - президенти Федератсияи ҷудои Тоҷикистон бо ордени «Шараф» дараҷаи II сарфароз гардонида шуданд.

Ба се нафар ҷоизадорони бозиҳои олимпӣ - Болтаев Давлат, Маҳмадбеков Сомон ва Раҳимов Темур калиди хонаҳо тақдим гардид, ки дар ин хусус қарори Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба тасвиб расидааст.

Имрӯз дар маросими супоридани мукофотҳои давлатӣ ҳар як ҷоизадори бозиҳои олимпии Париж соҳиби мукофоти давлатӣ - Ордени Шараф дараҷаи II, 200 ҳазор сомонӣ - Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хонаи истиқоматӣ ва мошини муосири барқӣ гардид.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супориш доданд то ҳамаи мураббиёни варзишӣ, ки саҳми намоён гузоштаанд, низ ба таври шоиста қадрдонӣ карда шаванд.

Ёдовар мешавем, ки аз 26 июл то 11 августи соли 2024 дар пойтахти Фаронса - шаҳри Париж Бозиҳои XXXIII тобистонаи олимпӣ баргузор шуд.

Ба барномаи бозиҳо 32 намуди варзиш ворид гардида, 10500 варзишгар аз 206 давлати дунё дар он иштирок карданд.

Тоҷикистон бо се медали биринҷӣ миёни 206 давлати иштирокдор мақоми 79-умро касб кард.

Сомон Маҳмадбеков, Темур Раҳимов аз гӯштини ҷудо ва Давлат Болтаев аз бокс соҳиби медалҳои биринҷии Бозиҳои XXXIII тобистонаи олимпии Париж шуданд.

Ҳайати олимпии Тоҷикистон аз 14 варзишгар иборат буд.



Ҳамчунин, ду варзишгари дигари кишвар натиҷаҳои баланд нишон доданд. Виктор Рассадин дар гӯштини тарзи озод ҷойи панҷум ва Эмомалӣ Нуралӣ дар ҷудо ҷойи ҳафтумро касб карданд.

Ҳамин тавр, шумораи медалҳои олимпии Тоҷикистон дар замони истиқлолияти давлатии кишвар ба 7 адад расид - 1 тилло, 1 нуқра ва 5 биринҷӣ.

Дар охири суҳбат Пешвои миллат, Президенти Кумитаи миллии олимпии кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар паҳлавонон - ҷоизадорони Бозиҳои XXXIII тобистонаи олимпии Париж-2024-ро бо дастоварди арзандаашон шодбош гуфта, бо итминон иброз доштанд, ки ҷавонони бонангу номус бо садоқати баланд, масъулият ва машқу тамринҳои мунтазам дар мусобиқаҳои дигари варзишӣ бо натиҷаҳои аз ин ҳам баланд ба Ватан бармегарданд ва шарафи Тоҷикистонро дар арсаи олам ҳимоя менамоянд.

**www.prezident.tj**

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи судяи суди шаҳри Истаравшани вилояти Суғд озод намудани Дилмуродзода З. Н.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Дилмуродзода Зуҳро Наҷмидин бо хоҳиши худаш аз вазифаи судяи суди шаҳри Истаравшани вилояти Суғд озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 12 августи соли 2024, №845**

# БАРҚИЯИ ТАБРИКӢ



**13-уми августи соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Сотсиалистии Вйетнам муҳтарам То Лам барқияи табрикӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

«Ҷаноби Олӣ,

Сарфарозам Шуморо ба муносибати интихоб шуданатон ба вазифаҳои масъули Дабири кулли Кумитаи марказии Ҳизби коммунистии Вйетнам ва Президенти Ҷумҳурии Сотсиалистии Вйетнам сидқан табрик намоям.

Ба Шумо сиҳатмандии комил, дар фаъолияти ҳизбӣ ва давлатиатон комёбиҳо, ба мардуми дӯсти Вйетнам сулҳу суботи пойдор ва рифоҳу шукуфоии рӯзафзун орзумандам.

Тоҷикистон ва Вйетнам аз анъанаҳои деринаи дӯстӣ ва муносибатҳои ҳамкории барои ҷонибҳо судманд бархӯрдоранд.

Мо ҷонибдори таҳкиму тавсеаи робитаҳои ҳасанаи ҳар ду кишвар дар ҳамаи соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн ҳастем ва ба дурнамои онҳо диди нек дорем.

Изҳори умед менамоям, ки бо саъю талошҳои муштараки ҷонибҳо ҳамкории байнидавлатии кишварҳои мо минбаъд низ рушд ёфта, бо мазмуну муҳтавои нави амалӣ ғанӣ хоҳанд гашт.

Аз ҷониби худ омодаем, ки ҷиҳати пешбурди ин раванд ба тадбирҳои муассири дуҷониба, аз ҷумла муколамаи созандаи байнидавлатӣ, дар сатҳҳои олӣ ва баланд идома диҳем».

# МУЛОҚОТ БО ЧЕН ҶИНГХЕ



**12-уми августи соли 2024 дар Қасри миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раиси Шурои директорони корпоратсияи саноати кӯҳкории «Зиҷин»-и Ҷумҳурии Мардумии Чин Чен Ҷингхеро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар мулоқот масоили ҳамкории кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин ширкати чинӣ ва нақшаҳои ояндаи муштарак баррасӣ шуд.

Тавре зикр гардид, ин ширкат дар Тоҷикистон ба истеҳсоли мис ва дигар металлҳои гаронбаҳою ранга машғул буда, дар корхонаҳои он беш аз 2700 нафар аз аҳолии маҳаллӣ соҳиби кор мебошанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки ҷониби Тоҷикистон аз татбиқи лоиҳаҳои нави сармоягузории барои иқтисоди кишвар муҳим истиқбол менамояд.

Изҳори бовар карда шуд, ки истеҳсолот ва шумораи ҷойҳои корӣ дар корхонаҳои ширкат дар Тоҷикистон ояндаи наздик то ду баробар афзун мегардад.

**www.prezident.tj**

ОБУНА - 2025

ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2025

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА ХОРИҶИ МАМЛАКАТ ХАБАРДОР МЕКУНАД.

НАРХИ СОЛОНАИ ОБУНА, БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА 210 СОМОНӢ МУҚАРРАР ШУДААСТ.

*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»:* с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877;
Шуъбаи №2 КВД БА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238- 53- 71, 238- 53- 49, 238- 54- 57.




## ДАР 6 МОҲ 251 КОРХОНАИ НАВ ИФТИТОҲ ЁФТ

**Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ ба 22,6 миллиард сомонӣ баробар шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли пеш 11,5 дарсад афзуда, 2,3 миллиард сомонӣ зиёд мебошад. Дар ин бора вазири саноат ва технологияҳои нав Шералӣ Кабир якуми август зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**

Бино ба гуфти ӯ, аз ин 57,1 дарсад ба саноати коркард, 21,6 дарсад ба саноати истихроҷ, 20,8 дарсад ба таъминоти неруи барқ, газ, буғ, тозакунии ҳаво, 0,5 дарсад ба соҳаи таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва коркарди дуюмдараҷа рост меояд.

- То якуми июли соли равон дар ҷумҳурӣ 3580 корхонаи саноатӣ ба қайд гирифта шудааст, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 337 адад зиёд мебошад. Дар ин давра 251 корхонаи нави саноатӣ ба истифода дода шуд.

Моҳҳои январ-июни соли 2024 барои истеҳсоли маҳсулоти нав, таъсиси истеҳсолоти нав, воридоти таҷҳизоти технологӣ ва васеъгардонии фондҳои истеҳсолӣ дар соҳаҳои саноат 4 миллиарду 421,1 миллион сомонӣ равона гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3 миллиарду 190,7 миллион сомонӣ зиёд мебошад, - зикр кард вазир.



**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**

## ИМЗОИ 150 САНАДИ НАВИ ҲАМКОРӢ ДАР 6 МОҲ



**Дар нимсолаи аввали соли равон Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкил ва таъмини иштироки ширкату корхонаҳои ватанӣ дар 14 намоишгоҳи байналмилалӣ дар Ӯзбекистон, Эрон, Россия, Туркия, Чин, Олмон, Аморати Муттаҳидаи Араб ва Қатар чораҷӯӣ намуд. Дар ин хусус раиси палата Ҷамшед Ҷумъахонзода дуюми августи соли равон зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**

Номбурда зикр намуд, ки палата дар баргузор намудани чор намоишгоҳ дар дохили ҷумҳурӣ мусоидат карда, иштироки аъзои палата ва соҳибкорони ватаниро дар ин чорабиниҳо таъмин намуданд.

Таъкид гардид, ки дар 6 моҳи аввали соли равон палата дар ташкил намудани 39 бизнес-форум ва бизнес-миссияҳои доираҳои соҳибкорони ватаниву хориҷӣ, 48 конференсия, семинару вебинарҳо, тренингҳо ва суҳбатҳои гирди миз дар шакли ҳузурӣ (офлайн) ва маҷозӣ (онлайн) мусоидат карда, дар доираи ин чорабиниҳо 150 санади ҳамкории нав миёни корхонаҳои ватаниву хориҷӣ ба имзо расид. Аз санадҳои баимзорасида 90-тояшонро ёддоштҳои тафоҳум оид ба ҳамкорӣ, 20 санад вобаста ба содироти молу маҳсулот аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 40 санади дигар оид ба хариди молу маҳсулот, таҷҳизот аз кишварҳои дигар ташкил медиҳанд.

Зикр шуд, ки ҳоло дар кишварҳои Чин, Покистон, Россия, Туркия, Ҳиндустон, Ӯзбекистон, Корея, Беларус, Эрон, Сингапур ва Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ намояндагии палата фаъолият менамояд. Алҳол шумораи умумии аъзои палата ба 1007 адад расид, ки ин нишондиҳанда дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 102 аъзо зиёд мебошад.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**



**31-уми июли соли равон директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Хайриддин Усмонзода зимни нишасти матбуотӣ изҳор дошт, ки тибқи нақшаи корҳои илмию таҳқиқотӣ дар нимсолаи якуми соли 2024 мавзуъҳои «Амнияти миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар марҳилаи нави рушди давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳо ва дурнамои стратегии таъмини он», «Таъмини амнияти иқтисодӣ дар заминаи баланд бардоштани рақобатнокии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, маърӯзаҳои илмию гузоришҳои таҳлилӣ ва иттилоотию машваратӣ таҳия шуд.**

## ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ ДАР МЕҲВАРИ ПАЖӮҲИШҲО

Коршиносони марказ зимни пажӯҳиш ва таҳияи гузоришҳои таҳлилӣ ва иттилоотию машваратӣ, ташкил ва баргузории ҳамоишҳои илмӣ-амалӣ таваҷҷуҳи асосиро ба таъсири ин равандҳо ба Тоҷикистон равона намуданд. Баҳодиҳиҳои муносибу саривақтии кормандон ба ин равандҳо, пешниҳоду тавсияю таҳлилҳои саривақтӣ доир ба масъалаҳои муҳими сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии мамлакат, минтақа ва ҷаҳон аз фаъолияти пурсамари марказ дар давраи мавриди назар арзёбӣ гардид.

Пешбурди робитаҳои илмию таҳқиқотӣ бо марказҳои зеҳнии дигар давлатҳо дар фаъолияти ин ниҳоди муҳими давлатӣ авлавият дорад. Иттилоъ гирифтем, ки Маркази тадқиқоти стратегӣ бо як қатор марказҳои таҳлилӣ ва пажӯҳишии дигар давлатҳо, аз ҷумла Россия, Қазоқистон, Чин, Ҳиндустон, Арабистони Саудӣ, Туркия, Эрон, Ӯзбекистон, Озарбойҷон, Туркманистон, Кореяи Ҷанубӣ ва кишварҳои дигар, ҳамкориҳои самарабахш дошта, барои тавсеаи робитаҳо ин муддат масъулин бо намояндагони кишварҳою ташкилотҳои байналмилалӣ 12 суҳбату вохӯрӣ доир намуданд.

**Марҷона СОЛИҲЗОДА, «Садои мардум»**



## БАРРАСИИ 268 ПАРВАНДА ДАР МУРОФИАҲОИ САЙЁР

**- Дар шаш моҳи аввали соли 2024-ум 1609 парванда баррасӣ гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 17 адад зиёд мебошад. Ин муддат 13 санади судӣ дар марҳилаи кассатсионӣ, 4 санади судӣ дар марҳилаи назоратӣ ва 3 санади судӣ дар раёсати Суди Олии иқтисодӣ бекор карда шуданд, - иброз дошт раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустам Мирзозода дар нишасти матбуотӣ. - Зимни муроҷиат бо аризаҳои даъвогӣ ба судҳои иқтисодӣ 1 миллиону 755 ҳазору 920 сомонӣ боҷи давлатӣ пардохт шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 602 ҳазору 303 сомонӣ беш аст.**

Зикр гардид, ки дар ин давра барои рӯёнидани маблағи зарар ва қарзи бонкӣ ба маблағи 321 миллиону 788 ҳазору 733 сомонӣ даъво пешниҳод ва аз он 137 миллиону 867 ҳазору 251 сомонӣ қонеъ шудааст. Дар ҳамкорӣ бо Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомот доир ба таъмини иҷрои санадҳои судӣ тадбирҷӯӣ гардида, иҷрои санадҳои судӣ оид ба рӯёнидани боҷи давлатӣ ва зарару қарз ба маблағи 164 миллиону 208 ҳазору 716 сомонӣ таъмин гардид.

- Дар мурофиаҳои сайёри судӣ 268 парванда баррасӣ гардида, сабабу омилҳои ҳуқуқвайронкуниҳо таҳлил ва ба мақомоти дахлдор 61 пешниҳод ирсол шуд, - афзуд номбурда.

**М. ЗОКИР, «Садои мардум»**

## 7 ПАТЕНТ, 3 НАХУСТПАТЕНТ ВА 3 ҚАРОРИ МУСБАТИ ОЛИМОНИ АМИТ



**Олимони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар шаш моҳи аввали соли равон барои дастовардҳои илмиашон 7 патент, 3 нахустпатент ва 3 қарори мусбат оид ба гирифтани нахустпатент ба даст оварданд. Дар ин бора президенти АМИТ Қобилҷон Хушвахтзода дар нишасти матбуотӣ 1-уми август иттилоъ дод.**

Зикр шуд, ки ин муддат олимони соҳаҳои химия, математика, таърих, геология ба натиҷаҳои назаррраси илмӣ ноил шуданд.

Олимони астрофизика бо истифода аз технологияи муосири компютерӣ метеорҳо, кометаҳо, астероид ва пораҳои ҳамсафари сунъии Заминро мушоҳида карда, астероидҳои наздизаминии табиати кометавидоштаро ошкор намуданд, ки натиҷаи ин таҳқиқот барои бартараф намудани хатари астероидҳову кометаҳо ба Замин ва киштиҳои кайҳонӣ муҳим мебошанд.

Олимони Институти химияи ба номи В.И. Никитини АМИТ дар ҳамкорӣ бо кафедраи бемориҳои сироятии Донишгоҳи давлатии тибии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино дар Беморхонаи клиникии сироятии шаҳри Душанбе таҷрибаҳои клиникӣ оид ба истифодаи пектини себ ҳамчун маводи ёрирасон ва кам кардани зарари антибиотикҳоро бомуваффақият гузаронданд. Истифодаи ин доруҳо оянда барои татбиқ дар дигар муассисаҳои тиббӣ ва ба роҳ мондани истеҳсол тавсия шуд. Олимони соҳа, инчунин, усулҳои нави ташхиси доруҳои метронидозол ва сипрофлоксатсинро дар моеъҳои биологӣ пешниҳод намуданд.

Институти физикаю техникаи ба номи С. Умаров ва Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е.Н. Павловский дар ин давра бо дастгоҳҳои ҷадиди лабораторӣ таъмин шудаанд.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**

## ВОРИДШАВИИ САЙЁҲОНИ ХОРИҶӢ 19,1 % АФЗУД

**Дар нимсолаи якуми соли равон ҷиҳати рушди ҳамкориҳои судманд бо шарикони стратегӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар бахши сайёҳӣ 19 санади ҳамкорӣ таҳия гардид. Ин нуктаро раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Камолиддин Муминзод панҷуми августи соли равон зимни нишасти матбуотӣ иброз намуд.**



Номбурда ёдовар шуд, ки то имрӯз шумораи умумии санадҳои ҳамкории бо кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Аморати Муттаҳидаи Араб, Шри-Ланка, Урдун, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Федератсияи Россия, Швейтсария, Фаронса, Туркманистон, Озарбойҷон, Эрон, Покистон, Беларус, Қатар, Италия ва Созмони ҳамкории Шанхай, баимзорасида 20 ададро ташкил медиҳад.

- Дар нимсолаи аввали соли 2024 ба ҷумҳурӣ 748,3 ҳазор шаҳрванди хориҷӣ ташриф овардаанд, ки аз ин 580,5 ҳазор нафарашон тибқи талаботи Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ ҳамчун сайёҳ ворид гардидаанд. Нишондиҳандаи мазкур нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 19,1 фоиз зиёд мебошад, - иброз намуд номбурда.

Зикр гардид, ки дар ҷумҳурӣ 214 ширкати сайёҳӣ фаъолият доранд. 101 адад дар шаҳри Душанбе, 46 - вилояти Суғд, 41 - ВМКБ, 17 - вилояти Хатлон ва 9 адад дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ. Мутаассифона, дар 34 шаҳру ноҳияҳои кишвар ширкатҳои сайёҳӣ таъсис наёфтаанд.

Дар мамлакат 338 иншооти хизматрасонии сайёҳӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин 209 меҳмонхона, 46 ҳостел, мотел, 54 осоишгоҳ, 5 осоишгоҳи кӯдакон, лагерҳои солимгардонӣ, 7 маркази муолиҷавӣ ва дармонгоҳи солимгардонӣ, 10 хонаи истироҳатӣ, 3 кемпинг ва 4 базаи сайёҳиву истироҳатӣ мебошанд.

**С. СУННАТӢ, «Садои мардум»**

## ДАР 6 МОҲ 86 НАФАР ҒАРҚ ШУДААСТ

**- Дар шаш моҳи аввали соли 2024-ум 532 ҳолати фавқулодаи табиӣ, аз ҷумла 188 сел, 156 бориши барфу борони шадид, 77 тармафарорӣ, 35 ҳолати боловравии сатҳи оби дарёҳо, 33 сангрезӣ дар роҳҳои мошингард, 18 заминларза, 14 кандашавӣ ва фуромадани ярч, ба қайд гирифта шуд, ки маблағи зарар 130 миллиону 663 500 сомониро ташкил дод, - изҳор дошт раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустам Назарзода.**

Номбурда афзуд, ки дар натиҷаи 12 офати табиӣ 15 шаҳрванд, аз ҷумла 9 нафар дар натиҷаи омадани сел, 4 кас дар натиҷаи раъду барқ ва 2 нафар дар натиҷаи фаромадани ярч, ҷон бохтанд.

Бар асари офатҳои табиӣ 164 хонаи истиқоматии шаҳрвандон, аз ҷумла 64 хона пурра, 24 хона қисман ва 74 хона сабук, зарар диданд. Ҳамчунин, 1853 иншооти ёрирасон, 13 иншооти маданию маишӣ, 6 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва томактабӣ, зиёда аз 290 километр роҳҳои нақлиётӣ, 66 пул, 106 километр хатҳои обёрӣ ва каналҳо, 29 километр иншооти соҳилмустаҳкамкунӣ, 22 километр хатҳои интиқоли барқ, 14 километр селпарто ва 26 ҳавзи моҳипарварӣ зарар дида, 687 сар чорво талаф ёфт.



- Сарфи назар аз рейдҳои мунтазам, вохӯриву суҳбатҳо ва муроҷиат тавассути ВАО ва сомонаи кумита, дар шаш моҳи аввали соли равон дар рӯду кӯлҳо ва каналҳои ҷумҳурӣ 86 нафар ҷон бохтанд. Аз шумораи ғарқшудагон 40 нафар кӯдакону наврасони то 16-сола ва 46 нафар аз 17-сола боло буданд, - гуфт Рустам Назарзода.

**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**



## НАФАҚАИ 775008 НАФАР ИНДЕКСАТСИЯ ШУД

**Директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилмурод Давлатзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод, ки дар нимсолаи якуми соли 2024 ба Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон барои ташкили истироҳати тобистонаи кӯдакон аз оилаҳои камбизоат дар истироҳатгоҳҳои ҷумҳурӣ 4,5 миллион сомонӣ маблағгузорӣ шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 642 ҳазор сомонӣ (14,3 фоиз) зиёд аст.**

Қисми хароҷоти буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар давраи мавриди назар 2 миллиарду 22 миллион сомониро ташкил додааст.

Бо мақсади амалисозии саривақтии Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» аз 1-уми июли соли 2024 нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, иловапулиҳо ба онҳо зиёд гардида, нафақаи 775 008 нафар, ки нафақаи суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ мегирифтанд, индексатсия шуд.

**Фарҳунда АБДУЛҲАКИМОВА, «Садои мардум»**

## М. ДОСТИЗОДА: «БАЪЗЕ ВОЛИДОН НАМЕХОҲАНД ФАРЗАНДОНАШОН ТАҲСИЛРО ИДОМА ДИҲАНД»



**- Дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов таҳсилро идома надодани баъзе аз хатмкардагони мактабҳои ибтидоии мусиқӣ - мактаб - интернат ва коллеҷҳои махсуси мусиқӣ ҳамоно нигаронкунанда боқӣ мемонад,- гуфт дар посух ба суоли хабарнигори рӯзномаи «Садои мардум» ректори консерватория Миралӣ Достизода ва афзуд: - Мушкил дар он аст, ки баъзе волидон намехоҳанд фарзандонашон баъд аз хатми мактабҳои миёнаи мусиқӣ дар соҳа таҳсилро идома диҳанд. Бисёр волидон ба фарзандонашон дигар тахассусҳоро интихоб менамоянд.**

Ин дар ҳолест, ки Консерваторияи миллии Тоҷикистон бояд онҳоеро ба таҳсил фаро гирад, ки дар мактабҳои махсуси бачагонаи санъат ва коллеҷҳои санъат донишҳои аввали мусиқиро аз худ кардаанд. Бо ин сабаб консерватория нақшаи қабулро иҷро карда наметавонад.

- Чор сол мешавад, ки мо устодонро барои дарёфти истеъдод ба шаҳру навоҳӣ мефиристем. Нафаронеро, ки истеъдоди хуб доранд (сарфи назар аз он ки мактаби ибтидоии мусиқиро нахондаанд), номнавис намуда, ба таври истисно фоизи муайянро ба консерватория ҷалб менамоем,- афзуд М. Достизода.

Иттилоъ гирифтем, ки имсол Консерваторияи миллиро 53 нафар хатм намуда, 29 нафар, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷет таҳсил мекарданд, тавассути роҳхат ба кор фиристода шуданд.

Дар Озмуни байналмилалии «Мақом» аз рӯйи номинаи «Иҷроиши якка» (дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон) сазовори ҷойи аввал гардидани шашмақомсарои тоҷик, дотсенти кафедраи сарояндагии анъанавӣ Хуршед Иброҳимзода аз муҳимтарин дастоварди шашмоҳаи аввали соли 2024 мебошад. Дар ин озмун Хуршед Иброҳимзода бо дипломму ҷоиза ва 10 ҳазор доллари ИМА сарфароз гардид.

**Ф. ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**

## ДАР БОХТАР «МАРКАЗИ ОШ» ВА АКАДЕМИЯИ ЮВЕНТУС БУНЁД МЕШАВАД



**Ба суоли хабарнигори рӯзнома бобати дар маркази маъмурии вилояти Хатлон бунёд намудани «Маркази ош» раиси шаҳри Бохтар Абдулмаҷид Муминзод 1-уми августи соли равон зимни нишасти матбуотӣ чунин посух дод:**

- Дар ҳақиқат, ош яке аз намунаҳои беҳтарини хӯрокҳои миллии мо ба ҳисоб меравад ва мо ин иқдомро ҳамаҷониба баррасӣ намуда истодаем. Аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар озмуни лоиҳаи беҳтарин барои бунёди «Маркази ош» эълон гардидааст ва бо ташаббуси соҳибкорон чанд лоиҳа пешниҳод шуд. Бо муайян намудани қитъаи замин сохтмони он оғоз хоҳад шуд.

Зикр гардид, ки дар баробари «Маркази ош» дар шаҳри Бохтар бо ташаббуси соҳибкорон бо харҷи 100 миллион сомонӣ дуюмин академияи Ювентус (маҷмааи варзиш) бунёд мешавад.

- Бунёди чунин маҷмааи варзиш имкон медиҳад, ки мусобиқаҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ дар он доир шаванд, - гуфт А. Муминзод.

**Сулаймон СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**



## ҒАЙРИМАҚСАДНОК ИСТИФОДА ШУДАНИ 653 ҲАЗОР СОМОНӢ ОШКОР ГАРДИД

**- Дар нимсолаи аввали соли 2024 нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб 208,1 миллиону сомонӣ муқаррар гардида, нисбат ба нақша 12,4 миллион сомонӣ зиёд ворид гардид, - гуфт сардори раёсати молияи минтақаи Кӯлоб Маъруф Ҷаъфарзода 25-уми июли соли 2024 зимни нишасти матбуотӣ.**

Зикр шуд, ки нақшаи буҷети маҳаллии шаҳри Кӯлоб 105 фоиз, ноҳияҳои Восеъ - 102, Ҳамадонӣ - 102, Фархор - 113, Темурмалик - 105, Ховалинг - 100, Муъминобод - 110 ва Шамсиддин Шоҳин 121 фоиз иҷро гардид.

Дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ 265,7 миллион сомонӣ маблағҳои мақсаднок (субвенсия) ворид гардид, ки ба шаҳри Кӯлоб 37 миллион сомонӣ, ноҳияҳои Восеъ - 57, Ҳамадонӣ - 34,9, Фархор - 39,5, Муъминобод - 34,8 ва Шамсиддин Шоҳин 27,7 миллион сомонӣ рост меояд.

Инчунин, аз буҷети вилоятӣ ба шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб 40,8 миллион сомонӣ маблағи мақсаднок ҷудо гардидааст.

Иттилоъ гирифтем, ки дар шаш моҳи аввали соли 2024 дар 81 ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ санҷиш гузаронида, ғайримақсаднок истифода бурдани 653,6 ҳазор сомонӣ ошкор ва аз ин 350,6 ҳазор сомонӣ барқарор гардидааст.

**И. РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**

## 10 ҲАЗОР СОМОНӢ БАРОИ ҲИМОЯИ РИСОЛАИ ДОКТОРӢ



**Тавре ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Дилшод Раҳмон дар нишасти матбуотӣ иттилоъ дод, омӯзгороне, ки рисолаҳои докторӣ ҳимоя менамоянд, соҳиби 10 ҳазор сомонӣ мешаванд.**

Айни замон дар зинаи бакалавр аз рӯи 63 ихтисос 9846 донишҷӯ, магистратура аз рӯи 28 ихтисос 204 магистрант ва докторантураи PhD-и донишгоҳи мазкур аз рӯи 30 ихтисос 69 докторант таҳсил мекунанд.

Иттилоъ гирифтем, ки шумораи донишҷӯёни тибқи квотаи президентӣ таҳсилдошта 395 нафар ва ятимони кулл 24 касро ташкил дода, онҳо ҳамеша зери таваҷҷуҳи роҳбарияти донишгоҳ қарор доранд.

Дар ин давра 2327 нафар, аз ҷумла 880 нафар рӯзона, 1340 фосилавӣ ва 107 нафар зинаи магистратураро хатм намуданд. Дар донишгоҳ 9 нафар стипендияи президентӣ ва 6 донишҷӯ стипендияи раиси вилояти Хатлонро мегиранд.

Аз шумораи умумӣ донишгоҳро 60 донишҷӯ бо дипломи аъло хатм намуданд, ки нисбат ба соли 2023-юм 8 нафар зиёд мебошанд.

Донишҷӯёни донишгоҳ, инчунин, дар мусобиқаҳои варзишӣ иштирок намуда, сазовори 7 медали тилло, 29 нуқра, 20 биринҷӣ ва 31 ифтихорнома гардидаанд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**



## ТАЪСИСИ ГИМНАЗИЯ ДАР ДБЗХТ

**Дар нимсолаи якуми соли 2024 дар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода сатҳи донишазхудкунӣ 90,3 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта баланд мебошад. Дар ин бора ректори донишгоҳи мазкур Жило Гулназарзода иттилоъ дод.**

Соли таҳсили 2023-2024 донишгоҳро 957 нафар, аз ҷумла 566 кас дар шуъбаи рӯзона, 362 нафар тариқи фосилавӣ, 30 нафар дар зинаи магистратура ва 6 нафар дар зинаи докторантура (PhD) хатм карданд, ки нисбат ба соли пеш 129 хатмкунанда зиёд аст.

- Яке аз дастовардҳои муҳим дар ин давра таъсиси гимназия дар назди донишгоҳ ба ҳисоб меравад. Гимназия 350 хонандаро барои таҳсил ва 60 нафарро ба маркази инкишофи кӯдак фаро мегирад, - зикр кард номбурда.

Иттилоъ гирифтем, ки донишгоҳ дар ин давра баҳри татбиқи «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ 259 чорабинӣ баргузор намудааст.

**М. СОЛИҲЗОДА, «Садои мардум»**



## ДОНИШГОҲ НАҚШАРО ПУРРА ИҶРО НАМУД

**Дар мавсими қабули имсола ихтисосҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро, дар умум, 33531 нафар интихоб карданд. Дар ин хусус зимни нишасти матбуотӣ 1-уми августи соли равон ректори донишгоҳ Ҳакимбек Абдуалимзода иттилоъ дод.**

Ин давра дар доираи барномаи мубодилаи донишҷӯён 9 нафар ба Донишгоҳи давлатии Петрозаводск, Донишгоҳи давлатии иқтисодии Санкт-Петербурги Федератсияи Россия ва Донишгоҳи омӯзгории Синзяни Ҷумҳурии Мардумии Чин сафарбар шудаанд.

Айни замон 746 донишҷӯи хориҷӣ аз ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Афғонистон, Чин ва Федератсияи Россия дар донишгоҳ таҳсил менамоянд.

**Ф. АБДУЛҲАКИМОВА, «Садои мардум»**

# ФОРУМИ ЗАНОНИ ТОҶИКИСТОНУ ҚАЗОҚИСТОН

**Дар шаҳри Душанбе Форуми занони Тоҷикистону Қазоқистон зери унвони «Занон, захираҳои молиявӣ ва муҳофизат аз зӯроварӣ» баргузор гардид. Дар кори он роҳбарони мақомоти иҷроия ва қонунгузори ҳокимияти давлатии ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Қазоқистон, роҳбарони бонкҳои давлатӣ ва хусусӣ, намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, масъулон оид ба масъалаҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила, намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ, олимон, институтҳои тадқиқотии миллӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва соҳибкорзанон ширкат доштанд.**



Раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бунафша Файзиддинзода зимни ифтитоҳи форум иброз намуд, ки тақвият ва рушди муносибатҳои дуҷонибаи дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Қазоқистон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

- Форуми имрӯза дар доираи сиёсати хирадмандона, сулҳпарварона ва дарҳои кушоди давлату Ҳукумати Тоҷикистон дар доираи муносибатҳои дипломатӣ миёни ҳар ду кишвари дӯсту бародар ва шарики стратегӣ, ки ҳанӯз 7 январи соли 1993 барқарор гардида буд, баргузор мешавад. Форуми занони Тоҷикистону Қазоқистон ҳамчун минбари баланд ва майдони фарох барои баланд бардоштани нақши занон дар баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои муҳими ҳар ду кишвар мусоидат менамояд, - иброз намуд Бунафша Файзиддинзода.

Муовини Раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон Хайринисо Юсуфӣ зикр намуд, ки таҳким ва тавсеаи ҳамкориҳои занони Тоҷикистону Қазоқистон дар чаҳорчӯбаи «Занон, захираҳои молиявӣ ва муҳофизат аз зӯроварӣ» на фақат барои фароҳам овардани замина ҷиҳати табодули иттилоот ва таҷриба замина мегузорад, балки барои таҳияи стратегия ва механизмҳои беҳтар намудани мавқеъ ва вазъи иқтисодии занон, баррасии монеаҳо ва дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷуда баҳри пешгирии зӯроварӣ нисбати занону духтарон мусоидат менамояд.

Ёдовар мешавем, ки қабл аз ин дар шаҳри Душанбе форумҳои занони Тоҷикистону Ӯзбекистон ва Тоҷикистону Чин низ баргузор шуда буд.

**Сайфиддин СУННАТӢ, «Садои мардум»**

# ВМКБ. САТҲИ БЕКОРӢ КОҲИШ ЁФТААСТ





**Дар шаҳри Хоруғ таҳти раёсати раиси Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ Алишер Мирзонабот иҷлосияи нуздаҳуми Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ доир шуд, ки дар он ворид намудани тағйиру иловаҳо ба нақшаи чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ оид ба омодагӣ ба таҷлили Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» ва дигар масъалаҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.**

Оид ба иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» муовини раиси ВМКБ Мусо Мирзозода зикр намуд, ки соли 2023 ва панҷ моҳи аввали соли 2024 ба раёсати Агентии меҳнат ва сохторҳои он дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 12 ҳазору 493 нафар барои пайдо кардани ҷойи кор ва дигар масъалаҳои вобаста бо шуғл муроҷиат кардаанд. Аз ин теъдод 7 ҳазору 537 нафар бо ҷойҳои кори доимӣ, мавсимӣ ва муваққатӣ таъмин гардиданд.

Раиси ВМКБ тавзеҳ дод, ки ба шарофати дастгирию ғамхориҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вилоят марҳилаи тозаи пешрафт оғоз ёфт. Дар ин замина зиндагии шоиста фароҳам шуда, сатҳи бекорӣ давра ба давра коҳиш дода мешавад.

Дар иҷлосия, ҳамчунин, ҳисоботи котиби комиссияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят оид ба дигар намудани номи корхонаҳои давлатӣ, фурудгоҳҳо, ташкилоту муассисаҳо, инчунин, объектҳои марзиву маъмурӣ, қарорҳои маҷлисҳои вакилони халқи ноҳияҳои Рӯшон ва Шуғнон баррасӣ гардида, бо пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Рӯшон муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 18-и деҳаи Бағуи ноҳияи Рӯшон ба номи Қадамсаид Мавлоназаров ва бо пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Шуғнон мактаби №16-и деҳаи Бидурди деҳоти Сучони ноҳияи Шуғнон ба номи Имомқул Наврӯзқулов гузошта шуданд.

**М. ИМОМНАЗАР, «Садои мардум»**



# АЙНӢ. БАРОИ ЗАРАРДИДАГОН БУНЁДИ МАНЗИЛҲОИ НАВ ОҒОЗ ЁФТ

**13-уми июли соли равон бар асари фаромадани сел дар деҳаи Искодари ноҳияи Айнӣ чандин хонаи истиқоматӣ хароб гардида, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12, боғоту заминҳои кишоварзӣ хисороти ҷиддӣ диданд.**

Намояндагони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва кумитаи ҳолатҳои фавқулодаи вилоят баҳри бартараф намудани оқибатҳои офати табиӣ ва дастгирии зарардидагон чораҳои мушаххас андешиданд.

6-уми август раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ба деҳаи Искодари ноҳияи Айнӣ омада, кумакҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иборат аз семент, тахта, арматура ва дигар масолеҳи сохтмониро дастрас намуда, инчунин, сокинони дар офати табиӣ зарардидаро бо ғизо таъмин кард.

- Барои ин оилаҳо дар минтақаи бехавфи дашти Искодар замин ҷудо шуда, дар муҳлатҳои кӯтоҳ 15 хонаи истиқоматӣ сохта мешавад, - гуфт раиси ноҳияи Айнӣ Муқим Муродзода.

Раҷаббой Аҳмадзода якҷо бо сокинони деҳа ба бунёди хонаҳои истиқоматӣ хишти аввалро гузошт. Дар ин ҷо ситоди махсуси корӣ амал мекунад.

**М. МАҚСУДОВ, «Садои мардум»**

# ТИМИ ЯККАЧИНИ ФУТБОЛИ ВМКБ ТАЪСИС ЁФТ

**Дастаи яккачини футболи ВМКБ бо номи «Помир» таъсис ёфт.**

Дар ин бора раиси ВМКБ Алишер Мирзонабот дар маросими аз нав ба истифода додани варзишгоҳи марказии шаҳри Хоруғ ва бозии дӯстона байни тими «Равшан»-и шаҳри Кӯлоб ва дастаи «Помир» иттилоъ дод. Номбурда афзуд, ки ин иқдом таҳти ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии роҳбарияти Федератсияи футболи мамлакат татбиқ гардид.

- Дар ҳамдастӣ тавонистем орзуи деринаи тамоми мухлисони ин бозӣ дар вилоят - доштани дастаи мунтахаби ВМКБ-ро амалӣ созем.

Шукргузорӣ бояд кард, ки дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва роҳбарию роҳнамоии Пешвои муаззами миллат варзиши вилоят баробари дигар соҳаҳо рушди бесобиқа ёфт, - тавзеҳ дод раиси ВМКБ.

Дар чорабинӣ, инчунин, котиби Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насрулло Маҳмудзода ва котиби генералии Федератсияи футболи Тоҷикистон Фурқат Ахмедҷонов суханронӣ намуда, аз дастгириҳои рӯзафзуни Пешвои миллат нисбат ба соҳаи варзиш ёдовар шуданд.

Сипас, туҳфаҳои хотиравии президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар вазъи тантанавӣ ба наврасони вилоят тақдим шуда, бозии дӯстона оғоз гардид.

Бозии дӯстона байни дастаҳои «Помир» ва «Равшан» мусовӣ (2 : 2) анҷом ёфт.

**М. ИМОМНАЗАР, «Садои мардум»**

# ХОРУҒ. СЕ КИЛОМЕТР РОҲ АСФАЛТПӮШ МЕГАРДАД



**Бо дастгирии Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри** дорои масъулияти маҳдуди «Панҷ» ба зимма гирифта, ҷиҳати сари вақт ва бо сифати баланд ба анҷом расонидани кор азми қавӣ доранд.



**Хоруғ 3 километр роҳҳои автомобилгард ва кӯчаву маҳаллаҳои шаҳр асфалтпӯш мегардад.**

Таъмиру мумфаршкунии роҳ аз назди боғи марказии шаҳр оғоз гардида, инчунин, кӯчаҳои дигари атрофи он навсозӣ мешаванд.

Тавре аз Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ иттилоъ доданд, таъмиру мумфаршкунии роҳҳоро Ҷамъияти

Роҳбарият ва сокинони шаҳр ин иқдоми навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дилгармии хос пазируфта, баҳри ободиҳо ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миннатдорӣ намуданд.

Ёдовар мешавем, ки соли гузашта зиёда аз 5 километр роҳи асосии шаҳр ва кӯчаву маҳаллаҳои он мумфарш гардида буд.

**И. МАШҲУР, «Садои мардум»**

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ АҲОЛӢ БОЛО МЕРАВАД, АГАР...

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ташаббусу иқдомоти беназири худ барои боз ҳам беҳтар гардидани сатҳу сифати рӯзгору маънавиёти аҳолии мамлакат мусоидат менамоянд, ки воқеан ҳам, шоистаи таъкиду тавсифанд.**

Яке аз чунин иқдомоти бениҳоят муҳиму саривақтӣ, ки дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии мамлакат садо дод, ба муносибати таҷлили 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» аст. Роҳбари мамлакат аз ҷумла гуфтанд: «Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад. Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем. Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳими таърихӣ «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад».

Ин тасмими наҷиб, ки бо мақсади таъмини ҳуқуқбунёдӣ – яке аз меъёрҳои аслии конститутсионии ҷомеаи мо амалӣ мешавад, дар ҳақиқат, муҳим аст, зеро шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона, ки аз муқаррароти конститутсионӣ мебошад, тавассути чунин ибтикор имконпазир мегардад.

Маърифати ҳуқуқӣ аз мафҳумҳоест, ки дар меҳвари ҳуқуқбунёдии давлат қарор дорад, зеро Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун яке аз беҳтарин қонунҳои асосии олам инсон ва ҳуқуқу озодиҳояшро арзиши олӣ мешуморад ва барои ӯ доираи васеи ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Аз ин рӯ, барои дарку фаҳм ва истифодаи оқилона аз ин имконият сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ зарур аст. Чунин тадбири оқилонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳз барои расидан ба ҳамин ҳадаф – баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ равона гардидааст.

Бегуфтугӯ, дар амалӣ намудани ин иқдом мо - кормандони нотариалии давлатӣ низ саҳми муносиб гузошта метавонем, зеро нотариати давлатӣ масъалаҳои ҳуқуқии мубрам ва рӯзмарраи шаҳрвандонро ҳал намуда, барои ҳукми қонунӣ гирифтани иродаи шахс мусоидат менамояд. Дар ин ҷодаи муҳиму нозук ва масъулиятнок баланд будани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ хеле муҳим аст. Аз ин рӯ, тасмим гирифтаем, ки бо аҳолии деҳот ва кормандони корхонаҳо вохӯриву суҳбат доир намуда, ба онҳо мазмун ва моҳияти амалиёти нотариалии гузаронидашаванда, тартиби дастрас кардани ҳуҷҷатҳои барои ин ё он амалиёти нотариалӣ зарур, ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсонро фаҳмонем. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки таваҷҷуҳи аҳолӣ ба сатҳи маърифати ҳуқуқии худ то андозае кам аст. Вақте ба онҳо нозукиҳои масъалаҳои ҳуқуқӣ фаҳмонида мешавад, мавриди ҳамовозӣ қарор гирифта, бо саволҳои мухталиф муроҷиат мекунанд. Ин амал бори дигар бениҳоят муҳим будани пешниҳоди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро нишон медиҳад.

**Илҳомиддин ШУҶОИДДИНЗОДА, нотариуси давлатии идораи нотариалии давлатии ноҳияи Айнӣ**

Зикри хайр

# НОМИ НАКУ МЕМОНАД

**Вақте вориди ҳуҷраи кории доктори илмҳои тиб, профессор Абдурасул Сангинов шудам, баъд аз саломуалейк маро ба курсии паҳлуи мизи кориаш даъват кард. Нишастан замон чашмам ба ҷевони пуркитоби доктор ва пеш аз ҳама, симо ва асарҳои олими намоёни соҳаи кишоварзӣ Бобо Сангинов афтид.**



- Агар қиблагоҳам барҳаёт мебуданд, ба синни 89 мерасиданд. Соли оянда, насиб бошад, 90-солагиашонро қайд мекунем,- гуфт номбурда.

Суҳбати мо дар бобати ҳаёту фаъолияти олими машҳур, академики АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики Академияи умумииттифоқии илмҳои кишоварзӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, Ҷоизаи ба номи академик Е. Н. Павловский, мукофоти Созмони ҳамкории иқтисодӣ (ЭКО) ва Агрономи шоистаи Тоҷикистон Бобо Сангинов ҷараён гирифт. Ин донишманди тоҷик давоми умри пурбаракати хеш корҳои бузургеро анҷом дода, аз худ номи наку гузошт. Ӯ, пеш аз ҳама, чун селексионер шуҳратёр гашта буд. Дар натиҷаи фаъолияти беш аз шастсолаи хеш академик Бобо Сангинов навъҳои серҳосили пешпазаку ба касалӣ тобовар ва дорои сифати баланди пахтаи маҳиннах ва миёнанах, ба монанди 5595 - В, 6465 – В, 6249 -В, 8386 – В, «Красичиков – 100» ва ғайраро ихтироъ намуд. Бо истифода аз ин навъҳои нав кишоварзон ҳосили фаровони пахтаи босифат ба даст меоварданд. Ҳамзамон, навъҳои юнучқа ва дигар зироати кашфнамудаи олим ба истеҳсолоти кишоварзии Тоҷикистон манфиати зиёд овард.

Қаҳрамони матлаб соҳиби 20 патенту шаҳодатномаи муаллифӣ буд. Заҳматҳои ин олими варзидаю пуркор бо ду ордени «Байрақи сурхи меҳнат», «Дӯстии халқҳо», «Нишони фахрӣ», ифтихорномаҳои раёсати Шурои Олии Тоҷикистон, медалҳои тилло, нуқра ва биринҷии Намоишгоҳи комёбиҳои хоҷагии халқи ИҶШС, ҳамчунин, унвонҳои зиёди илмию соҳавӣ қадрдонӣ шудааст.

Академик Бобо Сангинов аз худ китобу мақолаҳои зиёди илмӣ-тадқиқотӣ мерос монда, садҳо шогирдонро тарбия намудааст, ки имрӯзҳо кори устоди заҳматпешаро идома медиҳанд.

Роҷеъ ба фаъолияти илмию эҷодии Бобо Сангинов ва ҳаёти ибратбахши эшон якчанд китоб таълиф шудааст. Осори илмии ӯ дар мавзуи «Захираҳои афзоиши пахтаи маҳиннах дар Тоҷикистон», «Навъҳои минтақавӣ ва ояндадори пахтаи маҳиннах дар Осиёи Миёна», «Инкишофи истеҳсоли пахтаи маҳиннах дар Осиёи Миёна» дорои арзиши баланди илмию амалӣ мебошанд. Дар ҳамкорӣ бо кормандони Институти илмӣ-тадқиқотии растанишиносии ба номи И. Вавилови шаҳри Санкт-Петербург барои «Каталоги ВИА» фасли «Феҳристи маҷмӯи (коллексия) пахтаи маҳиннахи ҷаҳон»-ро тартиб додааст. Инчунин, дар ҳамкорӣ бо олимони Ҳиндустон оид ба ривоҷи пахтакорӣ дар Осиёи Миёна асари илмиро ба чоп расондааст, ки боиси ифтихор мебошад, - қайд шудааст дар китоби «Академик Бобо Сангинов. Ҳаёт ва фаъолият», ки онро узви вобастаи АИКТ, доктори илмҳои кишоварзӣ Д. К. Комилзода мураттаб кардааст.

Месазад, ки роҷеъ ба академики номвар Бобо Сангинов, ҳаёт ва фаъолияти ибратомӯзи эшон даҳҳо китоб навишта, тадқиқот анҷом дод. Мо дар арафаи ёдбуди олими намоёни тоҷик чун қатрае аз баҳр навиштаи мухтасареро манзури хонандагони арҷманд гардонидем.

**Бурҳониддин КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

Ҷаҳонро хуррамӣ аз деҳқон аст

# БЕ РАНҶ ГАНҶ БА ДАСТ НАМЕОЯД



**Деҳқонони хоҷагии «50-солагии Октябр»-и шаҳри Ҳисор, ки ба он марди кордону ташаббускор Орифҷон Абдулҳакимов роҳбарӣ мекунад, дар ҳама самт пешсафанд.**

- Имсол табиат ба мо чандон ғамхор набуд, - гуфт ҳангоми суҳбат сарагрономи хоҷагӣ Ҳоким Ёров, - моҳҳои апрелу майи соли равон боронгариҳои зиёд кори деҳқононро хеле душвор гардонд. Ба ин нигоҳ накарда, дар 62 гектар такроран кишти чигити навъи «Султон» гузарондем, ки ҳоло хуб нашъунамо дорад. Дар ҳама қитъаҳо нармкунии бехи ниҳолҳоро анҷом дода, озуқадиҳиро низ ба охир расонидем. Пеш аз кишти чигит барои пурқуват намудани замин ба ҳар гектар аз 180 то 200 килограмм суперфосфат пошидем.

Захираи доруҳои минералӣ басанда аст. Нашъунамои ниҳолҳо нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта бештар мебошад. Зиёда аз 40 аъзои хоҷагӣ ва беш аз 110 коргари мавсимӣ дар панҷ бригада талош доранд, ки аз ҳама намуди зироат ҳосили фаровон рӯёнанд.

Хоҷагӣ дорои 237 гектар замини обӣ буда, ғайр аз пахта дар 44 гектар гандум, 42 гектар ҷавдор, 26 гектар ҷуворӣ, 8 гектар картошка, 31 гектар сабзавот (аз ҷумла пиёз, сирпиёз, лаблабуи ошӣ, помидор, бодиринг, сабзӣ, гулкарам) ва як гектар тарбуз кишт карда, ҳосили хуб рӯёниданд. Ҳосилнокии пиёз 400 сентнер, сирпиёз 100 сентнер, помидору бодиринг 300 сентнер, картошка 60 сентнер, ғалла 46,3 сентнер ва ҷавдор 30 сентнерро ташкил намуд.

Хоҷагидорон дар қитъаҳои аз ҳосили якум холишуда кишти такрориро оғоз намуданд. Аз ҷумла, дар 14,5 гектар кишти ҷуворимакка барои силос, 4 гектар ҷуворӣ барои дон, як гектар тарбуз, як гектар карам, як гектар лаблабуи ошӣ, 2,5 гектар шолӣ ва 0,5 гектар бодиринг доданд.

- Имсол нақшаамон зиёд аст, - ба суҳбат ҳамроҳ шуд раиси хоҷагӣ Орифҷон Абдулҳакимов. - Азм дорем, ки аз ҳама намуди зироат ҳосили хуб ба даст орем. Барои ба мақсад расидан ҳама имконият ҳаст. Бо олимони соҳаи кишоварзӣ ҳамкорӣ дорем ва пеш аз оғози кишти сабзавот ва дигар намуди донагиҳо маслиҳатҳои муфид мегирем. Нақшаи имсолаи пахтасупориро, ки 190 тонна аст, ният дорем дар даҳаи аввали моҳи октябр иҷро намоем. Бо ин мақсад кор дар хоҷагӣ идома дорад. Маоши ҳармоҳаи деҳқонон сари вақт пардохт шуда, онҳо бо дили гарм ба меҳнати аҳлона машғуланд, - илова кард номбурда.

Ҳар кас, агар аз сидқи дил меҳнат кунад, ба мақсад мерасад. Азму талоши аҳли хоҷагии «50-солагии Октябр»-и шаҳри Ҳисор гувоҳи он аст, ки онҳо имсол низ ба муваффақияти бештар ноил мегарданд.

**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 30 августи соли 2024 озмуни №11-ро оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ баргузор менамояд

| т/р | Дорандаи баланс | Суроға | Тавзеҳоти объекти иҷора | Таъинот | Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора (бо сомонӣ) | Муҳлати иҷора |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Бинои мағоза аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо 83/4 | масоҳати бино 301,9 м$^2$ | савдо | 48000 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 2 | Бинои ҶСК «Доруи тоҷик» аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | н. Айнӣ, ҷ/д Айнӣ, кӯчаи Рӯдакӣ 21 | масоҳати бино 1708 м$^2$ | истеҳсолӣ | 160000 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 3 | Ду адад бинои мағоза аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, к. Мирзо 83/4 | масоҳати бино 236,7 м$^2$ | савдо | 44000 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 4 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.М.Турсунзода | масоҳати манзили истиқоматӣ 56,9 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 15 блоки В | манзили зист | 28800 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 5 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.М.Турсунзода | масоҳати манзили истиқоматӣ 56,9 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 14 блоки В | манзили зист | 28800 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 6 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.М.Турсунзода | масоҳати манзили истиқоматӣ 45,5 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 11 блоки Г | манзили зист | 28800 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 7 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Истаравшан, ҷамоати деҳоти Қалъачаи калон, деҳаи Сурхӣ | масоҳати манзили истиқоматӣ 110,9 м$^2$ | манзили зист | 19200 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 8 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к. Навбаҳор 2/2, хонаи 13 | масоҳати манзили истиқоматӣ 112,2 м$^2$ | манзили зист | 36000 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 9 | Истироҳатгоҳ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ноҳияи Варзоб, деҳоти Варзобқалъа, деҳаи Очуқ | истироҳатгоҳи нотамом бо масоҳати 87,8 м$^2$ | истироҳатгоҳ | 48000 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 10 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Ваҳдат, к.Роҳатӣ | масоҳати манзили истиқоматӣ 511,4 м$^2$ | манзили зист | 48000 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 11 | Ҳавлии истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Ваҳдат, деҳоти Гулистон, деҳаи Ҷангалобод 2 | масоҳати ҳавлии истиқоматӣ 340,2 м$^2$ | манзили зист | 44000 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 12 | Бинои маъмурӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | н.Файзобод, к.А.Ҷомӣ 1/2 | масоҳати бинои маъмурӣ 168,1 м$^2$ | маъмурӣ | 52000 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 13 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | н.Шаҳринав, деҳоти Чузӣ, деҳаи Элок | масоҳати манзили истиқоматӣ 129 м$^2$ | манзили зист | 19200 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 14 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҳикистон | н.Шаҳринав, деҳоти Чузӣ, деҳаи Элок | масоҳати манзили истиқоматӣ 323,4 м$^2$ | манзили зист | 24000 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 15 | Ҳавлии истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | н.Ҳисор, деҳоти Дурбат, деҳаи Манзар | масоҳати ҳавлии истиқоматӣ 93,4 м$^2$ | манзили зист | 19200 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 16 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | н.Рӯдакӣ, деҳоти Россия, деҳаи Қӯштеппа | масоҳати 175,1 м$^2$ | манзили зист | 28800 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 17 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | н.Ҷайҳун, деҳоти Истиқлол, деҳаи Телман | масоҳати манзили истиқоматӣ 213 м$^2$ | манзили зист | 19200 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 18 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | н.Қубодиён, деҳоти Тахти Сангин, деҳаи Болшевик | масоҳати манзили истиқоматӣ 326 м$^2$ | манзили зист | 19200 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 19 | Сехи истеҳсолӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Левакант, шоҳроҳи Бохтар-Левакант | масоҳати сехи истеҳсолӣ 976 м$^2$ | истеҳсолӣ | 160000 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 20 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | н. Б. Ғафуров, деҳоти Исфисор, кӯчаи Бӯстон 3 | масоҳати манзили истиқоматӣ 508,8 м$^2$ | манзили зист | 36000 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 21 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Истаравшан, деҳоти Ленинобод, деҳаи Чорбоғ | масоҳати манзили истиқоматӣ 29,7 м$^2$ | манзили зист | 9600 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 22 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | н.Ҷ.Расулов, деҳоти Сомониён, деҳаи Зарафшон | масоҳати манзили истиқоматӣ 129,6 м$^2$ | манзили зист | 19200 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 23 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Истаравшан, к.А.Бобоҷон, хонаи 9 | масоҳати манзили истиқомати 60,60 м$^2$ | манзили зист | 19200 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 24 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Истаравшан, к.Г.Самиев, хонаи 27а | масоҳати манзили истиқоматӣ 289,4 м$^2$ | манзили зист | 28800 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 25 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Истаравшан, к.М.Мӯсоев, хонаи 11 | масоҳати манзили истиқоматӣ 863 м$^2$ | манзили зист | 57600 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 26 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Истаравшан, деҳоти Гули Сурх, маҳаллаи Ясӣ | масоҳати манзили истиқоматӣ 50,60 м$^2$ | манзили зист | 19200 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 27 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Истаравшан, деҳоти Гули Сурх, деҳаи Куруштак | масоҳати манзили истиқоматӣ 108,5 м$^2$ | манзили зист | 19200 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 28 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Истаравшан, кӯчаи Бобобарот, хонаи 13 | масоҳати манзили истиқоматӣ 46,4 м$^2$ | манзили зист | 19200 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 29 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Истаравшан, кӯчаи Чкалов, хонаи 13 | масоҳати манзили истиқоматӣ 49,45 м$^2$ | манзили зист | 19200 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 30 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Истаравшан, деҳоти Гули Сурх, маҳаллаи Ясӣ | масоҳати манзили истиқоматӣ 153,60 м$^2$ | манзили зист | 19200 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 31 | Бинои ҶСК «Доруи Тоҷик» аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | н.Зафаробод, к.И.Сомонӣ 39а | масоҳати умумии бино 745 м$^2$ | истеҳсолӣ | 120000 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 32 | Бинои маъмурии ҶДММ «Зарбед» аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСК «Фононбанк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Конибодом, кӯчаи К.Хуҷандӣ 16 | масоҳати умумии бино 251,1 м$^2$ | истеҳсолӣ | 40000 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 33 | Фермаи комплексӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | н.Ҳамадонӣ, деҳоти Панҷрӯд | масоҳати бино 8672 м$^2$дар қитъаи замини 30000 м$^2$ аз ҳисоби ферма | истеҳсолӣ | 288000 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 34 | Мағоза аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | н.Вахш, деҳоти 20-солагии Истиқлолият, к.Пахтакор | масоҳати бино 135 м$^2$дар қитъаи замини 200 м$^2$ | савдо | 24000 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 35 | Бинои филиали бонк аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | н.Кӯҳистони Масчоҳ, деҳоти Иван Тоҷик, деҳаи Оббурун | масоҳати бино 126,06 м$^2$дар китъаи замини 267 м$^2$ | маъмурӣ | 28800 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 36 | Меҳмонхонаи «Анис» аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | н.Масчоҳ, шаҳраки Бӯстон, к.С.Акрамов | масоҳати бино 1900 м$^2$дар қитъаи замини 2003,7 м$^2$ | меҳмонхона | 120000 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 37 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.академик А. Адҳамов, ошёнаи 11, блоки «Г» | масоҳати манзил 53,6 м$^2$ | манзили истиқоматӣ | 28800 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 38 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.академик А.Адҳамов, ошёнаи 12, блоки «Г» | масоҳати манзил 128,9 м$^2$ | манзили истиқоматӣ | 56000 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 39 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.академик А.Адҳамов, ошёнаи 12, блоки «Г» | масоҳати манзил 128,8 м$^2$ | манзили истиқоматӣ | 56000 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 40 | Манзили истиқоматӣ аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк»-и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.академик А.Адҳамов, ошёнаи 12, блоки «Г» | масоҳати манзил 128,9 м$^2$ | манзили истиқоматӣ | 56000 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |
| 41 | Бинои филиал аз ҳисоби молу мулки собиқ ҶСП БСТТИСТ «Тоҷпромбонк» - и Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | н.Муъминобод, к.Раҳимов | масоҳати бино 702 м$^2$ дар қитъаи замини 2300 м$^2$ | маъмурӣ | 120000 | то ҳолати ба фурӯш рафтан |

Қабули дархостҳо барои иштирок дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21 оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад. Ҷойи баргузории озмун - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21. тел 221-73-74, 221-33-66, шаҳри Бохтар, кӯчаи А. Сино 4, тел:+992 3222 2-77-25 ва шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: (83422) 4-52-91, мобилӣ: 92-758-00-96.**

Озмун **соати 10$^{00}$** баргузор мегардад. Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як иншоот баробар аст. Пардохти кафолатнок ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан иҷорагир ба ҳисоби корхона боҷи комиссиониро ба андозаи 5 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби корхона ва боҷи давлатиро ба андозаи 0,1 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби дахлдор пардохт менамояд, ки ин маблағҳо ба арзиши иншооти иҷора дохил намешавад. Ғолиби озмун он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани озмун бо суроғаи **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-33-66, 221-49-87, 221-73-74, сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон** гирифтан мумкин аст.

# ЗАПРОС НА ВЫРАЖЕНИЕ ЗАИНТЕРЕСОВАННОСТИ (КОНСАЛТИНГОВЫЕ УСЛУГИ –ОТБОР ФИРМ)

**Название проекта** «Повышение готовности и устойчивости к бедствиям в Таджикистане»

**Номер гранта МАР:** D9780-TJ

Идентификационный номер проекта: P177779

**Название задания:** Консультационные услуги по улучшению использования и применения геоинформационных систем (ГИС) и связанных с ней инструментов

**Номер ссылки (согласно Плана закупок):** COE/TPRDP/CQS-11

Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка для покрытия стоимости проекта «Повышение готовности и устойчивости к бедствиям в Таджикистане» и намеревается покрыть часть расходов на консультационные услуги.

Консультационные услуги включают анализ потребностей ГИС для Комитета по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне (КЧС и ГО) при Правительстве Республики Таджикистан, оптимизацию использования имеющихся пространственных данных, разработку стратегии определения приоритетных задач и мероприятий ГИС и рекомендаций в контексте НИПД, техническую поддержку и обучение персонала использованию ГИС и дронов, обработке космических снимков и аналитических инструментов, разработку рекомендаций по оптимизации обработки данных и созданию аналитических продуктов, разработку рекомендаций по наиболее оптимальным и потенциальным поставщикам спутниковых снимков для КЧС и ГО.

Группа реализации проекта (ГРП) «Повышение готовности и устойчивости к бедствиям в Таджикистане» КЧС и ГО приглашает правомочные консалтинговые фирмы («Консультанты») с опытом работы выразить свою заинтересованность в предоставлении услуг. Заинтересованные консультанты должны предоставить информацию, подтверждающую, что они обладают необходимой квалификацией и соответствующим опытом для оказания услуг.

Подробное техническое задание (ТЗ) можно найти по ссылке:

**https://cloud.mail.ru/public/Yx1c/f6k77EnJZ**

Внимание заинтересованных консультантов обращается на пункты 3.14, 3.16 и 3.17 Раздела III «Правил закупок Всемирного банка для заемщиков в рамках финансирования инвестиционных проектов (IPF): Товары, работы, не консультационные и консалтинговые услуги», июль 2016 года, (редакция от ноября 2020 года), («Правила Закупок»), устанавливающие политику Всемирного банка в отношении конфликта интересов.

Консультант будет выбран в соответствии с методом «Отбор по квалификации консультанта» (CQS) в соответствии с «Правилами Закупок» Всемирного банка.

Дополнительную информацию можно получить по указанному ниже адресу в рабочее время, т. е. с 09:00 до 17:00 (время местное).

Выражение заинтересованности должно быть доставлено в письменной форме по указанному ниже адресу (лично, по почте, по факсу или по электронной почте) до 17:00 часов 26 августа 2024 года.

Комитет по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне при Правительстве Республики Таджикистан, Группа реализации проекта (ГРП КЧС и ГО).

**Внимание:** Сулаймон Исозода, Директор проекта

улица Лохути, 26, 734013, г. Душанбе, Республика Таджикистан,

**Тел.:** +(992 -37) 221-91-19,

**Факс:** +(992 -37) 223-13-11

**Мобильный:** + (992) 880-00-28-28

**Эл.почта:** coordinator@coescd.tj; ps@coescd.tj

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Дафтарчаи меҳнатии гумшудаи №0112008, ки дар Коллеҷи ҷумҳуриявии омӯзгории Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ соли 2021 ба номи Эркабоев Мансур Комилҷонович ба расмият дароварда шудааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшудаи №0073546 дар бораи бақайдгирии давлатӣ ва парвандаи заминсозӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 24 октябри соли 2018 таҳти №5471 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Ф. Ниёзӣ, хонаи 50, қитъаи замин барои анборхона ва анборхона ба Гулзода Шокирҷони Амир додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи силсилаи Т-ШТУ №0476532, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №25-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2011 ба Шабнами Қосим додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар шаҳри Хуҷанд 31-уми январи соли 2012 ба Солиева Зарринахон Абдушукуровна (РМА 515449580) додааст, эътибор надорад.

✓Замимаи гумшуда ба дипломи бакалавр №107705 0621716, ки онро Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон 15-уми январи соли 2018 таҳти қайди 4987 ба Асматиллобекова Хайрина Мамадбековна додааст, эътибор надорад.

✓Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТУ №0981639, ки онро Литсей барои хонандагони болаёқати равияи иқтисодии шаҳри Душанбе 21-уми июни соли 2022 ба Ахмедов Улуғбек Дильмуродович додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Сомон, бинои 194/1, хонаи 8, ба Дудоладов Динис Александрович додааст, эътибор надорад.

✓Дафтари гумшудаи хона, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Сомон, бинои 194/1, хонаи 8, ба Дудоладов Динис Александрович додааст, эътибор надорад.

✓Шартномаи хариду фурӯши гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Сомон, бинои 194/1, хонаи 8, ба Дудоладов Динис Александрович додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, гузаргоҳи сеюми кӯчаи Титов, хонаи 4, ба Ахмедов Муродҷон Солиҷонович додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Фирӯз, хонаи 74, ба Юсупов Авазмурод Абдурахимович додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи гумшудаи силсилаи ДМБ №0188687, ки онро Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон соли 2021 таҳти қайди 644 ба Хуҷаева Меҳрбону Раҳимовна додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи гумшудаи А№ 8351829, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 19-уми декабри соли 2014 ба Хуршеди Ҷуразод (санаи таваллуд -11уми ноябри соли 1984) додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи гумшудаи силсилаи ДТК №0243133, ки онро Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ соли 2022 таҳти қайди 351 бо ихтисоси кори табобати дандон ба Эргашев Баҳодур Муратбойевич додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи А. Шукӯҳӣ, хонаи 172, ба Пиров Исмат додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи гумшудаи №107705 1029431, ки онро Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон 1-уми июли соли 2021 таҳти қайди 21/144 ба Абдурахманова Сабрина Солижоновна додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ҶДММ «Остон групп» (РМА 150005706, РЯМ 1510003211), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Варзоб 3-юми декабри соли 2021 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум
Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.
ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ маталибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супориш) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 14 августи соли 2024, соати 13:20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33085 нусха*

Навбатдори шумора Ф. Файзалиева

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97